*Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 162 (4582) | ПАНҶШАНБЕ, 29 ДЕКАБРИ СОЛИ 2022 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

**Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум**

# МУҲЛАТИ АМАЛИ ҚОНУН ДАР БОРАИ СУҒУРТАИ ТИББӢ ТАМДИД ШУД



**29-уми декабри соли 2022 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода ҷаласаи навбатии Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум баргузор гардид.**

**РАИС: - Вакилони арҷманд!**

Хоҳиш мекунам, аз қайд гузаред.

Ҳоло дар толор 57 вакил ҳузур доранд.

Ба кори ҷаласа шурӯъ менамоем.

Чӣ гуна андешаҳо ҳаст? Нест.

Мутобиқи моддаи 34 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷаласаи навбатии Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашумро кушода эълон менамоям.

**Вакилони арҷманд, ҳозирини гиромӣ!**

Дар ҷаласаи имрӯза Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ - Намояндаи ваколатдори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Зариф Ализода, раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қодирзода Саъдӣ Сангинмурод, муовини якуми вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Муҳсинзода Ғафур Муҳсин ва дигар шахсони даъватшуда иштирок доранд.

**Вакилони арҷманд, ҳозирини гиромӣ!**

Ба рӯзномаи ҷаласаи навбатӣ се масъала пешниҳод шудааст.

Доир ба рӯзнома таклифу пешниҳоди дигар нест?

Набошад, хоҳишмандам нисбат ба рӯзнома мавқеатонро муайян намоед.

*Дар бораи рӯзномаи ҷаласа бо фарогирии масъалаҳои зерин Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид:*

**1. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон»**

**2. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи савдо ва хизматрасонии маишӣ»**

**3. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи тиббӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон».**

**РАИС:** - Ба баррасии масъалаҳои рӯзнома шурӯъ менамоем. Аз рӯи масъалаи якум сухан ба раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қодирзода Саъдӣ Сангинмурод дода мешавад. Марҳамат.

**Саъдӣ ҚОДИРЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» бо мақсади идомаи ислоҳот дар соҳаи танзими низоми иҷозатдиҳии ҷумҳурӣ, аз байн бурдани ҳуҷҷатҳои хусусияти иҷозатдиҳидошта барои амал ва фаъолияти соҳибкориву сармоягузорӣ, ки аз ҷониби мақомоти давлатӣ дода мешаванд, ҳамзамон мутобиқ намудани баъзе санадҳои меъёрии ҳуқуқии хусусияти умумидошта ба талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» таҳия ва пешниҳод шудааст. Мувофиқи лоиҳа, дар моддаи 11 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» ба ваколати мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ мустақилона муқаррар намудани реҷаи кории объектҳои савдо, хизматрасонии маишӣ ва дигар намуди хизматрасонии аз ҷиҳати танзим муҳиме, ки номгӯи онҳо аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, муқаррар мешавад.



Инчунин, дар доираи лоиҳаи мазкур пешниҳод мегардад, ки реҷаи кории ташкилоту объектҳои савдо, хизматрасонии маишӣ ва дигар намуди хизматрасоние, ки дар қисми 1 моддаи мазкур дарҷ нагардидаанд, инчунин соҳибкорони инфиродӣ, аз ҷониби онҳо мустақилона муайян карда шавад ва ба маълумоти истеъмолкунанда расонида шуда, ба реҷаи муқарраршуда бояд мувофиқат кунад.

Қабули санади мазкур сарбории субъектҳои хоҷагидорӣ ва сармоягузориро дар бобати гирифтани реҷаи корӣ аз байн бурда, муҳити мусоид ба фаъолияти соҳибкориву сармоягузорӣ дар кишвар фароҳам оварда, ҷолибияти Ҷумҳурии Тоҷикистонро барои ҷалби сармоягузорӣ дар байни кишварҳои ҳамсоя бештар мегардонад.

Татбиқи лоиҳаи мазкур аз буҷети давлатӣ маблағгузории иловагиро талаб намекунад. Бо арзи эҳтиром хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни пешниҳодгардидаро дастгирӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ ягон савол ё пешниҳод ҳаст? Нест.

Сухани навбатӣ ба раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия Қурбонзода Маҳмадалӣ дода мешавад.

**Маҳмадалӣ ҚУРБОНЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст.

Мақсади лоиҳаи қонун идомаи ислоҳот дар соҳаи танзими низоми иҷозатдиҳии кишвар мебошад. Бо қабули лоиҳаи қонун барои субъектҳои хоҷагидорӣ ва сармоягузорӣ расмиёти муайян кардани реҷаи корӣ сабук гардида, барои соҳибкорону сармоягузорон шароити мусоид фароҳам оварда мешавад. Дар баробари ин, реҷаи кори ташкилоту объектҳои савдо, хизматрасонии маишӣ ва намудҳои дигари хизматрасонӣ ба маълумоти истеъмолкунандагон расонида мешавад.



Лоиҳаи қонуни зикргардидаро кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон ҷонибдорӣ ва ҳамзамон ҳашт таклиф пешниҳод намуданд, ки дар маҷмӯъ қобили қабул дониста шуданд.

Лоиҳаи қонун ба моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ мебошад. Хоҳиш менамоям, ки онро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ ягон савол ё пешниҳод ҳаст?

Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» ба овоз монда шуда, қабул шуд.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» ба овоз монда шуда, тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи савдо ва хизматрасонии маишӣ» шурӯъ менамоем.

Сухан ба раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қодирзода Саъдӣ Сангинмурод дода мешавад. Марҳамат.

**Саъдӣ ҚОДИРЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи савдо ва хизматрасонии маишӣ» бо мақсади идомаи ислоҳот дар соҳаи танзими низоми иҷозатдиҳии ҷумҳурӣ, аз байн бурдани ҳуҷҷатҳои хусусияти иҷозатдиҳидошта барои амал ва фаъолияти соҳибкориву сармоягузорӣ, ки аз ҷониби мақомоти давлатӣ дода мешаванд, ҳамзамон мутобиқ намудани баъзе санадҳои меъёрии ҳуқуқии хусусияти умумидошта ба талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» таҳия ва пешниҳод шудааст.

Мувофиқи он, дар моддаҳои 8 ва 11 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи савдо ва хизматрасонии маишӣ» меъёрҳо дар таҳрири нав ифода шуда, ба ваколати мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ мустақилона муқаррар намудани реҷаи кории объектҳои савдо, хизматрасонии маишӣ ва дигар намуди хизматрасонии аз ҷиҳати танзим муҳиме, ки номгӯи онҳо аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, пешбинӣ гардидааст.

Инчунин, дар доираи лоиҳа таклиф мегардад, ки мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ мустақилона бе ҷалби субъектҳои хоҷагидор дар ҳудуди марзиву маъмурии дахлдор реҷаи кории бозорҳои давлатӣ ва ғайридавлатиро муқаррар намояд. Бо назардошти пешбинӣ гардидани меъёрҳои мазкур, тибқи лоиҳа қисми 5 моддаи 13 хориҷ мешаванд.

Бояд қайд кард, ки қабули санади мазкур сарбории субъектҳои хоҷагидорӣ ва сармоягузориро дар бобати гирифтани реҷаи корӣ аз байн бурда, муҳити мусоид ба фаъолияти соҳибкориву сармоягузорӣ дар кишвар фароҳам оварда, ҷолибияти Ҷумҳурии Тоҷикистонро барои ҷалби сармоягузорӣ дар байни кишварҳои ҳамсоя бештар мегардонад. Хоҳиш менамоям, ки онро дастгирӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ ягон савол ё пешниҳод ҳаст? Нест.

Сухани навбатӣ ба муовини раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия Дӯстмуродзода Сурайё дода мешавад. Марҳамат.

**Сурайё ДӮСТМУРОДЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи савдо ва хизматрасонии маишӣ» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст.

Мақсади лоиҳаи қонуни пешниҳодгардида идомаи ислоҳот дар соҳаи танзими низоми иҷозатдиҳӣ буда, бо қабули лоиҳаи қонуни мазкур барои субъектҳои хоҷагидорӣ ва сармоягузорӣ расмиёти муайян кардани реҷаи корӣ сабук гардида, минбаъд барои соҳибкорону сармоягузорон шароити мусоид фароҳам мешавад. Дар ин асно, аз ҷониби субъектҳои хоҷагидорӣ ва сармоягузорӣ ҳуҷҷати хусусияти иҷозатдиҳидошта, ки дар қонунгузории соҳаи иҷозатдиҳӣ пешбинӣ нашудааст, гирифта намешавад.

Лоиҳаи қонунро кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон ҷонибдорӣ ва шаш таклиф пешниҳод намуданд, ки дар маҷмӯъ қобили қабул дониста шуд.

Лоиҳаи қонун ба моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ мебошад. Хоҳиш менамоям, ки онро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС: -** Ба маърӯзачӣ ягон савол ё пешниҳод ҳаст? Нест.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи савдо ва хизматрасонии маишӣ» ба овоз монда шуда, қабул шуд.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ««Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи савдо ва хизматрасонии маишӣ» ба овоз монда шуда, тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи тиббӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» оғоз менамоем.

Аз рӯи масъалаи мазкур сухан ба муовини якуми вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Муҳсинзода Ғафур Муҳсин дода мешавад. Марҳамат.

**Ғафур МУҲСИНЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Дар заминаи таваҷҷуҳи Ҳукумати мамлакат ба соҳаи тандурустӣ сол аз сол буҷети соҳа зиёд гардида, соли 2022 ба 2 миллиараду 882 миллион сомонӣ расид, ки 2,8 дарсади Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ва 8,6 дарсад аз ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатиро ташкил дода, нисбат ба соли 2017 ба маротиб зиёд гардидааст.

Вобаста ба зиёд гардидани ҳаҷми маблағгузории соҳа аксарияти муассисаҳои тиббӣ аз таъмири асосӣ бароварда шуда, таҷҳизоти муосири тиббӣ (ангиография, компютери томографӣ, томографияи магнитию резонансӣ, рентгени рақамӣ), нақлиёти санитарӣ ва дигар лавозимоти тиббӣ ворид гардида, нисбат ба солҳои пешин сатҳ ва сифати ташхису табобати беморон беҳтар шуда истодааст.

Яке аз талаботи замони муосир ислоҳоти маблағузории соҳаи тандурустӣ мебошад. Мақсади ислоҳоти маблағгузории соҳаи мазкур аз таҳияи низоми устувор ва ҳамгироии маблағгузории тандурустӣ бо тақсимоти баробари захираҳо дар доираи барномаи кафолатҳои давлатӣ иборат аст.

**(Давомаш дар саҳ. 2)**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ДАР БОРАИ ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРОТУ ИЛОВА БА КОДЕКСИ МУРОФИАВИИ ҶИНОЯТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Моддаи 1.** Ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2009 қабул шудааст (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2009, №12, мод. 815, мод. 816; с. 2010, №7, мод. 551; с. 2011, №3, мод. 159, №7-8, мод. 609; с. 2012, №4, мод. 259, №7, мод. 714, №8, мод. 815, №12, қ. 1, мод. 1020, мод. 1025; с. 2013, №7, мод. 510, мод. 511; с. 2014, №3, мод. 142, №11, мод. 643; с. 2015, №11, мод. 950; с. 2016, №3, мод. 128, №5, мод. 357, №7, мод. 610, мод. 611; с. 2017, №1-2, мод. 4; с. 2018, №5, мод. 267; с. 2019, №1, мод. 3; с. 2020, №7-9, мод. 602, мод. 608; с. 2021, №1-2, мод. 5, №4, мод. 197, №12, қ. 2, мод. 684, мод. 685; с. 2022, №7, мод. 442), тағйироту иловаи зерин ворид карда шаванд.

1. Аз қисми 3 моддаи 24 рақамҳо ва калимаи «, 138 қисми 1» хориҷ карда шаванд.

2. Моддаи 140 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

**«Моддаи 140. Асос ва сабабҳои оғози парвандаи ҷиноятӣ**

1. Асоси оғоз кардани парвандаи ҷиноятӣ мавҷудияти маълумоти кофие мебошад, ки дар он аломатҳои таркиби ҷинояти дар қисми махсуси Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда дида мешаванд.

2. Сабабҳои оғози парвандаи ҷиноятӣ инҳо мебошанд:

- ариза дар бораи ҷиноят;
- ҳозир шудан бо иқрори гуноҳ;
- иттилооти шахси мансабдори корхона, муассиса ва ташкилот;
- иттилоот дар воситаҳои ахбори омма, аз ҷумла дар шабакаи интернет;
- аз ҷониби таҳқиқбаранда, муфаттиш ё прокурор бевосита ба даст овардани маълумоте, ки ба аломатҳои ҷиноят ишора мекунанд.».

3. Дар қисми 1 моддаи 144 калимаҳои «Иттилооти воситаҳои ахбори омма» ба калимаҳои «Иттилоот дар воситаҳои ахбори омма, аз ҷумла дар шабакаи интернет» иваз карда шаванд.

4. Дар моддаи 161:

- ба қисми 2 пас аз рақамҳои «328-332,» рақами «$334^1$,» илова карда шавад;
- аз қисми 5 рақами «$334^1$,» хориҷ карда шавад.

5. Қисми 1 моддаи 306 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«1. Раисикунанда аз тарафҳо мепурсад, ки оё онҳо дар хусуси даъвати шоҳидону коршиносон, мутахассисони нав ва талаб карда гирифтани далелҳои шайъӣ ё ҳуҷҷатҳо, инчунин доир ба хориҷ кардани далелҳое, ки бо вайрон кардани талаботи Кодекси мазкур пешниҳод шудаанд, дархост доранд ё не. Шахсе, ки дархост пешниҳод намудааст, онро бояд асоснок намояд.».

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 24 декабри соли 2022, № 1926**

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйироту илова ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумxурии Тоҷикистон»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 59 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйироту илова ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумxурии Тоҷикистон»-ро баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйироту илова ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумxурии Тоҷикистон» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси**
**Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 16 декабри соли 2022, № 323**

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйироту илова ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйироту илова ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 3 октябри соли 2022, № 847**

# МУҲЛАТИ АМАЛИ ҚОНУН ДАР БОРАИ СУҒУРТАИ ТИББӢ ТАМДИД ШУД

**(Идома аз саҳ. 1)**

Мутобиқи Консепсияи ислоҳоти соҳаи тандурустӣ ислоҳоти маблағгузории соҳа идома дорад. Бо ин мақсад муассисаҳои кумаки аввалияи тиббию санитарии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ба маблағгузории сарикасӣ гузаронида, дар 31 шаҳру ноҳия «Барномаи кафолатҳои давлатӣ оид ба таъмини аҳолӣ бо кумаки тиббию санитарӣ» амалӣ шудааст. Инчунин, дар муассисаҳои кумаки аввалияи тиббию санитарии 16 шаҳру ноҳия маблағгузорӣ дар асоси натиҷаи фаъолият ва дар муассисаҳои хадамоти бистарикунонии се ноҳия ба таври таҷрибавӣ маблағгузорӣ дар асоси натиҷаи табобат оғоз гардида, тибқи тартиби хизматрасонии тиббию санитарӣ ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои системаи давлатии тандурустӣ ба хизматрасонии музднок машғуланд. Мақсади асосии татбиқи тартиби мазкур кам намудани сарбории буҷет, аз байн бурдани пардохтҳои ғайрирасмӣ, ҳавасмандгардонии кормандон, мустаҳкам намудани базаи моддию техникии муассисаҳо мебошад.

Бояд қайд намуд, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи тиббӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» 18 - уми июни соли 2008 қабул гардида, бояд аз 1 - уми январи соли 2010 мавриди амал қарор мегирифт. Аммо бо сабаби дар сатҳи нисбатан паст қарор доштани шуғли аҳолӣ, маблағи суғуртаи тиббӣ, ки ба нишондиҳандаи андоз аз даромади аҳолӣ таъсири манфӣ мерасонад, ҳамоҳангсозии нокифояи вазорату идораҳои дахлдор оид ба созмон додани низоми суғуртаи ҳатмии тиббӣ, номуайянӣ дар манбаъ ва ҳаҷми пардохти ҳаққи суғуртаи ҳатмии тиббӣ, норасоии маблағҳои буҷетӣ барои пардохт намудани ҳаҷми хизматрасонии тиббӣ ба гурӯҳҳои имтиёзнок ва бекорон аз ҷониби буҷети давлатӣ қонуни мазкур то имрӯз чор маротиба (солҳои 2010, 2014, 2017 ва 2022) мавқуф гузошта шуд. Новобаста аз ин, бо назардошти муҳлати расман муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои оғози татбиқи суғуртаи тиббӣ дар доираи нақшаи кории гурӯҳи кории Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ як қатор лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки аз Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи тиббӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» бармеоянд, таҳия карда, барои мувофиқа ба вазорату идораҳои дахлдор ирсол шуд.

Аз аввали соли 2022 гурӯҳи кории байниидоравӣ аз ҳисоби намояндагони вазоратҳои тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, молия, адлия, рушди иқтисод ва савдо, корҳои хориҷӣ, корҳои дохилӣ, мудофиа, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, Кумитаи андоз, Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфта, якчанд вохӯрӣ гузаронида шуд.

Дар давоми фаъолияти гурӯҳи корӣ вазорату идораҳо хулосаҳояшонро пешниҳод намуданд. Аз ҷумла, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудааст, ки маблағи ҳаққи суғуртаи тиббӣ аз ҳисоби корфармо (буҷет), Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудааст, ки пурра аз ҳисоби буҷети давлатӣ пардохт шавад. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудааст, ки манбаи маблағгузории суғурташавандагон ба мақсад мувофиқ буда, тибқи талаботи моддаи 6 қонуни мазкур пардохт намудани ҳаққи суғуртаи тиббӣ дар доираи андози иҷтимоӣ ва аз ҳисоби буҷети давлатӣ дар назар аст, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи тиббӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» -ро мувофиқи мақсад шуморидааст, Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби зиёд намудани меъёри андозҳо ташаккул додани фонди суғуртаи тиббиро қобили дастгирӣ нашуморидааст, Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудааст, ки айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои гузариши пурра ба низоми суғуртаи тиббӣ шароити мусоид вуҷуд надорад ва барои ҷорӣ намудани низоми ин навъи суғурта аввал бояд шароит фароҳам шуда, талаботи дахлдори иқтисодӣ, молиявӣ ва ташкилӣ ба назар гирифта шавад.

Тибқи хулосаи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар ҳолати аз ҳисоби меъёри амалкунандаи андози иҷтимоӣ пардохт намудани ҳаққи суғуртаи тиббӣ эҳтимолияти кам шудани даромади буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа вуҷуд дошта, норасоии мазкур боиси иҷро нагардидани уҳдадориҳои иҷтимоии давлат дар назди аҳолӣ мегардад.

Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудааст, ки бо назардошти тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2016, қабули Кодекси тандурустӣ ва Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» таҷдиди назар намудани ин санади меъёрии ҳуқуқӣ мувофиқи мақсад мебошад.

Ҳамчунин, масъалаи мазкур аз ҷониби мушовирони байналмилалии Бонки умумиҷаҳонӣ ва Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ мавриди омӯзиш қарор дода шуд.

Таҷрибаи дигар давлатҳо нишон доданд, ки барои ҷорӣ намудани суғуртаи ҳатмии тиббӣ маблағи зарурӣ барои соҳаи тандурустӣ бояд на кам аз 4 то 6 фоизи Маҷмӯи маҳсулоти дохилиро ташкил диҳад. Ин нишондиҳанда дар ҷумҳуриҳои Қазоқистон 4,4 дарсад, Қирғизистон - 4,2, Туркия - 4,5, Молдова - 5,6, Полша - 5,7, Эстония - 5,9 ва Ӯзбекистон 3,5 дарсадро ташкил медиҳад. Айни ҳол буҷети соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон 2,8 дарсади Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ буда, дар маҳалҳо 80-90 фоизи онро музди меҳнати кормандон ташкил медиҳад.

Ҷиҳати суғурта намудани гурӯҳҳои имтиёзноки аҳолӣ, ки теъдоди онҳо тақрибан 30-35 фоизи аҳолиро (бе назардошти бекорон) ташкил медиҳад, аз ҳисоби буҷети давлатӣ дар назар дошта шуда, пардохти аъзоҳаққии суғуртаи тиббӣ бояд аз ҳисоби буҷет таъмин шавад. Инчунин, ҳангоми гузаштан ба суғуртаи тиббӣ бояд дар тамоми мамлакат механизми низоми ягонаи феҳристи электронии маълумотии шаҳрвандон бо хусусияти хоси талаботи суғуртакунонӣ таъмин гардида, низоми ягонаи хариди давлатӣ фаъол бошад. Бинобар ин, дар асоси супориши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 - уми октябри соли 2022 ҷиҳати тамдид намудани муҳлати амали Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи тиббӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар мувофиқа бо вазорату идораҳои дахлдор тибқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 - уми декабри соли 2022 таҳти №596 «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи тиббӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва бо розигии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9-уми декабри соли 2022 ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол шуд.

Хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи тиббӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро дастгирӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ё пешниҳод ҳаст?

Сухани навбатӣ ба муовини раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ Ашӯрзода Гулбаҳор дода мешавад. Марҳамат.

**Гулбаҳор АШӮРЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи тиббӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, мақсад аз пешниҳоди тағйири воридгардида тамдид намудани муҳлати амали қонуни мазкур мебошад.

Лоиҳаи қонун расмиёти ҳуқуқиро мутобиқ ба Дастури Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар кумита ва раёсатҳои дахлдори Маҷлиси намояндагон пурра гузашта, ҳамаҷониба дастгирӣ гардид. Он ба талаботи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» мутобиқ мебошад. Хоҳиш менамоям, ки ба ҷонибдории он овоз диҳед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ё пешниҳод ҳаст?

Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи тиббӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қабул шуд.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи тиббӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, тасдиқ гардид.*

**РАИС: -** Масъалаҳое, ки ба рӯзномаи ҷаласа ворид гардида буданд, баррасӣ шуданд.

Доир ба рафти ҷаласа эроду пешниҳод ҳаст? Нест.

Барои фаъол буданатон миннатдорӣ намуда, ҷаласаро пӯшида эълон менамоям.

---

**Хӯҷаназари АМИНИЁН,**
**Шариф АТОБУЛЛОЕВ,**
**«Садои мардум».**
**Суратгир Неъматулло АЛИЕВ**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ДАР БОРАИ ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА КОДЕКСИ МУРОФИАВИИ ИҚТИСОДИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Моддаи 1.** Ба Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 январи соли 2008 қабул гардидааст (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2008, №1, қ. 1, мод. 4, мод. 5; с. 2011, №12, мод. 840; с. 2012, №7, мод. 719; с. 2013, №3, мод. 180; с. 2015, №11, мод. 954; с. 2017, №5, қ. 1, мод. 277; с. 2018, №1, мод. 7, №7-8, мод. 523; с. 2019, №1, мод. 7; с. 2020, №4-5, мод. 235, №12, мод. 905; с. 2021, №12, қ. 2, мод. 692; с. 2022, №1-3, мод. 8, №7, мод. 441), тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Дар моддаи 4:

- сархати сеюми қисми 3 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«шикоят – муроҷиат дар ҳолатҳои муқаррарнамудаи ҳамин Кодекс;»;

- қисми 5 бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«5. Аризаи даъвогӣ (ариза), шикоят, эътироз ва ҳуҷҷатҳои дигар ба судҳои иқтисодӣ дар шакли хаттӣ ва (ё) электронӣ пешниҳод карда мешаванд. Ҳуҷҷатҳо дар шакли электронӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо имзои электронии рақамии тасдиқшуда дар сомонаи судҳои иқтисодӣ ҷойгир карда мешаванд.».

2. Дар моддаи 11:

- ба қисми 5 ҷумлаи дуюм бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«Дар маҷлиси пӯшидаи судӣ истифодаи воситаҳои сабти аудио ва видео иҷозат дода намешавад.»;

- қисми 7 бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«7. Шахсони иштироккунандаи маҷлиси ошкорои судӣ ҳуқуқ доранд аз ҷараёни муҳокимаи судӣ қайдҳо сабт намоянд. Наворбардории кино, аксбардорӣ, сабти видео ва пахши маҷлиси судии суди иқтисодӣ тавассути телевизион ва шабакаи интернет бо иҷозати судя - раисикунандаи маҷлиси судӣ мумкин аст.».

3. Ба моддаи 15 қисми 7 бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«7. Санадҳои судӣ дар шакли хаттӣ қабул карда мешаванд. Санадҳои судӣ, ба истиснои санадҳои судҳои иқтисодие, ки дорои маълумоти сирри давлатӣ ё дигар сирри бо қонун ҳифзшаванда мебошанд ва (ё) парванда дар мурофиаи пӯшидаи судӣ баррасӣ гардида бошад, метавонанд дар шакли электронӣ тартиб дода шаванд, ки онҳо бо имзои электронии рақамии судя ё ҳайати суд тасдиқ карда мешаванд. Агар санади судӣ дар ҳайати дастаҷамъонаи суд қабул шуда бошад, он бо имзои электронии рақамии ҳамаи судяҳое, ки дар баррасии парванда иштирок доштанд, тасдиқ карда мешавад. Ҳангоми дар шакли электронӣ тартиб додани санади судӣ нусхаи он иловатан дар шакли коғазӣ чоп карда мешавад.».

4. Дар моддаи 18:

- қисми 1 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«1. Ҳайати суд барои баррасии парванда, аз ҷумла парвандаҳо оид ба муфлисшавӣ, тавассути истифодаи низоми автоматикунонидашудаи иттилоотӣ муайян карда мешавад. Ҳангоми ғайриимкон будани истифодаи низоми автоматикунонидашудаи иттилоотӣ дар суд, ҳайати суд аз тарафи раиси суди иқтисодии дахлдор муайян карда мешавад.»;

- дар қисми 2:

- аз матни қисм калимаи «ҳатман» хориҷ карда шавад;

- дар сархати дуюм аломати нуқта ба аломати нуқтавергул «;» иваз карда шавад;

- сархати сеюм бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«- дар ҳолати бозхонд ва (ё) озод намудани судя бо асосҳои пешбининамудаи қонун.»;

- қисми 4 бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«4. Анҷом додани амалҳои мурофиавӣ дар ҳолатҳои таъхирнопазир, аз ҷумла мавқуф гузоштани муҳокимаи судӣ аз ҷониби як судя ба ҷойи судяи дигар, иваз кардани судя ҳисобида намешавад.».

5. Дар қисми 3 моддаи 21 калимаҳои «ба тариқи назоратӣ дар Раёсати Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба калимаҳои «дар суди иқтисодии марҳилаи назоратӣ» иваз карда шаванд.

6. Дар қисми 1 моддаи 40:

- дар матни қисм калимаҳои «, ва нусхаи санадҳои судиро, ки дар шакли ҳуҷҷати алоҳида қабул гардидаанд, гиранд» ба калимаҳои «ва санадҳои судиро бо тартиби пешбининамудаи Кодекси мазкур гиранд» иваз карда шаванд;

- ҷумлаи дуюм бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«Шахсони иштироккунандаи парванда ҳуқуқ доранд ба суди иқтисодӣ ҳуҷҷатҳоеро, ки бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо имзои электронии рақамӣ тасдиқ карда шудаанд, бо ҷойгир намудани онҳо дар сомонаи суди иқтисодӣ пешниҳод намоянд.».

7. Ба қисми 2 моддаи 63 ҷумлаи дуюм бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«Ба сифати далел истифода намудани сабти видеоии баёноти шахсони иштироккунандаи парванда ва шахсони дигар, ки дар баррасии парванда дар судҳои иқтисодӣ бо тартиби пешбининамудаи моддаи $152^1$ ҳамин Кодекс гирифта шудаанд, иҷозат дода мешавад.».

8. Ба қисми 3 моддаи 74 ҷумлаи дуюм бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«Агар нусхаи ҳуҷҷатҳо ба суди иқтисодӣ дар шакли электронӣ пешниҳод гардида бошанд, суд метавонад пешниҳоди нусхаи аслии ин ҳуҷҷатҳоро дар шакли хаттӣ талаб намояд.».

9. Ба қисми 1 моддаи 91 ҷумлаи сеюм бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«Ариза доир ба тадбирҳои таъминотӣ мумкин аст дар шакли электронӣ бо имзои электронии рақамии бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқшуда бо ҷойгир намудани он дар сомонаи судҳои иқтисодӣ ба суди иқтисодӣ пешниҳод карда шавад.».

10. Ба қисми 1 моддаи 98 ҷумлаи дуюм бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«Ариза доир ба тадбирҳои таъминотии пешакӣ мумкин аст дар шакли электронӣ бо имзои электронии рақамии бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқшуда бо ҷойгир намудани он дар сомонаи судҳои иқтисодӣ ба суди иқтисодӣ пешниҳод карда шавад.».

11. Сархати якуми қисми 2 моддаи 120 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«- ном ва суроға, сомона, рақами телефон ва суроғаи почтаи электронии суди иқтисодӣ;».

12. Ба қисми 1 моддаи 121 ҷумлаҳои дуюм ва сеюм бо мазмуни зерин илова карда шаванд:

«Агар суди иқтисодӣ далелҳои кофӣ дошта бошад, ки шахсони иштироккунандаи парванда ва иштироккунандагони дигари мурофиаи судӣ нусхаи таъиноти қабули аризаи даъвогӣ (ариза) ва оғоз кардани истеҳсолоти парванда, маълумот оид ба вақт ва маҳалли баргузории маҷлиси судии бори аввал бо парванда баргузоршударо гирифтаанд, санадҳои судие, ки бо онҳо вақт ва маҳалли маҷлисҳои судии минбаъда ё гузаронидани амалҳои мурофиавии алоҳида таъин мегарданд, ба шахсони номбурда, бо ҷойгир намудани ин санадҳои судӣ дар сомонаи судҳои иқтисодӣ бо тартибе, ки барои шахсони иштироккунандаи парванда ва иштироккунандагони дигари мурофиаи судии иқтисодӣ дастрас бошад, ирсол карда мешаванд. Судҳои иқтисодӣ, инчунин шахсони номбурдаро оид ба маҷлисҳои судии минбаъда ва амалиёти мурофиавии алоҳида оид ба парванда ба воситаи ирсоли телефонограмма, телеграмма, алоқаи факсимилӣ ё почтаи электронӣ ва (ё) воситаҳои дигари алоқа хабардор менамоянд.».

13. Моддаи 122 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«**Моддаи 122. Ба таври дахлдор хабардор намудан**

1. Шахсони иштироккунандаи парванда ва иштироккунандагони дигари мурофиаи судии иқтисодӣ ба таври дахлдор хабардоршуда ба ҳисоб мераванд, агар то оғози маҷлиси судӣ ва (ё) гузаронидани амали мурофиавии алоҳида суд дар бораи аз ҷониби шахси қабулкунандаи ҳуҷҷат гирифтани нусхаи таъинот оид ба таъини маҷлиси пешакии судӣ ва муҳокимаи судӣ, ки ба онҳо бо тартиби пешбининамудаи ҳамин Кодекс ирсол шудааст, маълумот дошта бошад ё дар суд дар бораи аз ҷониби шахсони иштироккунандаи парванда ва иштироккунандагони дигари мурофиаи иқтисодӣ гирифтани маълумот оид ба мурофиаи судии таъиншуда далелҳои дигар мавҷуд бошанд.

2. Шахс ба таври дахлдор хабардоршуда ба ҳисоб меравад, агар хабарномаи судӣ ба ӯ шахсан ва (ё) ба шахси болиғи бо ин шаҳрванд якҷоя истиқоматкунанда бо гирифтани дастхат дар қисми хабарномае, ки бояд ба суд баргардонида шавад ва (ё) дар ҳуҷҷати дигар бо нишон додани сана, рӯз ва вақти супоридани он дода шуда бошад.

3. Хабарномаи судӣ ба шахси ҳуқуқӣ тавассути шахси барои қабули мукотибот ваколатдор супорида мешавад.

4. Шахсони иштироккунандаи парванда ва иштироккунандагони дигари мурофиаи судии иқтисодӣ аз ҷониби суди иқтисодӣ ба таври дахлдор хабардоршуда ба ҳисоб мераванд, агар:

- шахси қабулкунандаи ҳуҷҷат гирифтани хабарнома ва (ё) нусхаи санади судиро рад кардааст ва ин радкунӣ аз ҷониби ташкилоти алоқаи почта ё суди иқтисодӣ ба расмият дароварда шудааст;

- ба огоҳномаи ташкилоти алоқаи почта нигоҳ накарда, шахси қабулкунандаи ҳуҷҷат барои гирифтани нусхаи санади судии аз ҷониби суди иқтисодӣ бо тартиби муқарраркарда ирсолнамуда ҳозир нашуда бошад ва дар ин бора ташкилоти алоқаи почта суди иқтисодиро хабардор карда бошад;

- нусхаи санади судӣ бинобар ҳозир набудани шахси қабулкунандаи ҳуҷҷат дар суроғаи дарҷгардида супорида нашуда бошад ва ташкилоти алоқаи почта дар ин хусус суди иқтисодиро бо нишон додани сарчашмаи маълумоти мазкур огоҳ карда бошад;

- хабарномаи судӣ ба шахси ваколатдори филиал ва (ё) намояндагии шахси ҳуқуқӣ супорида шуда бошад;

- хабарномаи судӣ ба намояндаи ваколатдори шахси иштироккунандаи парванда супорида шуда бошад;

- дар бораи бо тартиби пешбининамудаи қисмҳои 2 ва 3 моддаи 121 ҳамин Кодекс супоридан ё ирсол гардидани хабарномаи судӣ далелҳои кофӣ мавҷуд бошанд;

- хабарномаи судӣ ба суроға, ҷойи истиқомат ва (ё) маҳалли ҷойгиршавии охирини барои суд маълуми ҷавобгар ирсол гардида бошад, дар сурати муайян набудани суроға, ҷойи истиқомат ва (ё) маҳалли ҷойгиршавии ҷавобгар.».

14. Моддаи 123 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«**Моддаи 123. Иваз шудани номи шахс, тағйирёбии суроға ҳангоми баррасии парванда**

1. Шахсони иштироккунандаи парванда ӯҳдадоранд оид ба иваз шудани ном (номи шахси ҳуқуқӣ) суди иқтисодиро огоҳ намоянд. Дар ҳолати набудани чунин маълумот шахси иштироккунандаи парванда дар санади судӣ бо назардошти номи охирини барои суд маълуми ин шахс дарҷ карда мешавад.

2. Шахсони иштироккунандаи парванда ӯҳдадоранд оид ба тағйир ёфтани суроғаи худ ҳангоми баррасии парванда суди иқтисодиро огоҳ намоянд. Ҳангоми набудани чунин маълумот хабарномаи судӣ ва (ё) нусхаи санади суд ба суроғаи охирини барои суд маълум ирсол гардида, расонидашуда ба ҳисоб меравад, гарчанде шахси қабулкунандаи ҳуҷҷат дар ин суроға набошад ё истиқомат накунад.

3. Агар шахси иштироккунандаи парванда ба суди иқтисодӣ рақами телефон, факс, суроғаи почтаи электронӣ ё маълумоти дигари ба ин монандро расонида бошад, ин шахс бояд ба суди иқтисодӣ оид ба тағйирёбии онҳо дар давраи баррасии парванда хабар диҳад.

4. Суди иқтисодӣ маълумот оид ба тағйирёбии номи шахси иштироккунандаи парванда, суроғаи ҷойгиршавӣ, рақами телефон, факс, суроғаи почтаи электронӣ ва (ё) маълумоти дигари ба ин монандро дар таъинот ва (ё) протоколи маҷлиси судӣ сабт менамояд.».

15. Қисми 1 моддаи $123^4$ дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«1. Ариза дар бораи қабули фармон ва ҳуҷҷатҳои ба он замимашаванда мумкин аст ба суди иқтисодӣ дар шакли хаттӣ ва (ё) дар шакли электронӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо имзои электронии рақамии тасдиқшуда бо ҷойгир намудани онҳо дар сомонаи судҳои иқтисодӣ пешниҳод карда шавад.».

16. Дар моддаи 124:

- ба қисми 1 ҷумлаи сеюм бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«Аризаи даъвогӣ инчунин мумкин аст ба судҳои иқтисодӣ дар шакли электронӣ бо имзои электронии рақамии тасдиқшуда бо ҷойгир намудани онҳо дар сомонаи судҳои иқтисодӣ пешниҳод карда шавад.»;

- ба сархати дуюми қисми 2 пас аз калимаи «инфиродӣ» калимаҳои «, рақамҳои телефон, факс, суроғаи почтаи электронӣ» илова карда шаванд.

17. Ба қисми 4 моддаи 126 пас аз калимаҳои «иҷрои он» калимаҳои «, инчунин рақамҳои телефон, алоқаи факсимилӣ, сомона ва суроғаи почтаи электронии суди иқтисодӣ» илова карда шаванд.

18. Ба қисми 1 моддаи 130 ҷумлаи дуюм бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«Изҳори назар инчунин мумкин аст ба суди иқтисодӣ дар шакли электронӣ бо имзои электронии рақамии бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқшуда бо ҷойгир намудани он дар сомонаи судҳои иқтисодӣ пешниҳод карда шавад.».

19. Моддаи $152^1$ бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«**Моддаи $152^1$. Иштирок дар маҷлиси судӣ тариқи речаи мустақим (онлайн)**

1. Шахсони иштироккунандаи парванда ва иштироккунандагони дигари мурофиаи иқтисодӣ метавонанд тариқи речаи мустақим (онлайн) дар мурофиаи судӣ иштирок кунанд, агар онҳо дар ин хусус дархост намуда бошанд ва агар дар судҳои иқтисодӣ ва судҳои юрисдиксияи умумӣ имконияти техникии истифодаи алоқаи видеоӣ мавҷуд бошад.

2. Дар сурати қонеъ намудани дархост дар бораи иштирок дар маҷлиси судӣ тариқи речаи мустақим (онлайн) суди иқтисодие, ки парвандаро баррасӣ менамояд, ба суди иқтисодии дахлдоре, ки бо мусоидати он муроҷиаткунанда метавонад дар маҷлиси судӣ иштирок намояд, ҷиҳати ташкил намудани алоқаи видеоӣ супориши судӣ ирсол намуда, дар ин хусус тибқи талаботи моддаи 72 Кодекси мазкур таъинот қабул менамояд. Нусхаи таъиноти суди иқтисодӣ ба суди юрисдиксияи умумие, ки гузаронидани маҷлиси судиро бо истифодаи алоқаи видеоӣ тибқи Кодекси мурофиавии гражданни Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд таъмин намояд, ирсол карда мешавад.

3. Суди иқтисодие, ки ташкил намудани речаи мустақимро (онлайнро) амалӣ менамояд, ба суд ҳозир шудани шахсонро санҷида, шахсияти шахсони ҳозиршударо муайян мекунад, ваколати онҳоро санҷида, масъалаи имконияти иштироки онҳоро дар маҷлиси судӣ тибқи талаботи қисми 2 моддаи 152 Кодекси мазкур ҳал мекунад.

4. Ҳангоми истифодаи речаи мустақим (онлайн) дар суди иқтисодие, ки парвандаро баррасӣ менамояд, протоколи маҷлиси судӣ тартиб дода шуда, сабти видеоии маҷлиси судӣ гузаронида мешавад. Ҳомили сабти видеоии маҷлиси судӣ дар мӯҳлати панҷ рӯз ба суде, ки парвандаро баррасӣ мекунад, ирсол гардида, ба протоколи маҷлиси судӣ ҳамроҳ карда мешавад.».

20. Дар моддаи 167:

- қисми 1 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«1. Ҳалнома дар шакли хаттӣ (коғазӣ ва (ё) электронӣ) тартиб дода мешавад. Агар дар суди иқтисодӣ имконияти дар шакли электронӣ тартиб додани ҳалнома мавҷуд набошад, ҳалнома танҳо дар шакли хаттӣ (коғазӣ) таҳия карда мешавад.»;

- қисми 5 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«5. Ҳангоми дар шакли электронӣ таҳия кардани ҳалнома иловатан нусхаи он дар шакли хаттӣ таҳия гардида, он низ ба парванда ҳамроҳ карда мешавад.».

21. Ба моддаи 174 қисми 4 бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«4. Ҳангоми дар шакли электронӣ таҳия намудани қисми хулосавии ҳалнома иловатан нусхаи он дар шакли хаттӣ таҳия гардида, он низ ба парванда ҳамроҳ карда мешавад.»;

- қисмҳои 4 ва 5 мувофиқан қисмҳои 5 ва 6 ҳисобида шаванд.

22. Қисми 1 моддаи 175 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«1. Ҳалномае, ки дар шакли электронӣ тартиб дода шудааст, на дертар аз панҷ рӯзи пас аз қабул шудани он ба шахсони иштирокчии парванда бо ҷойгир намудани он дар сомонаи судҳои иқтисодӣ дар речаи дастрасии маҳдуд, ирсол карда мешавад. Нусхаи ҳалнома дар шакли хаттӣ (коғазӣ) бо дархости шахсони номбурда дар ҳамин мӯҳлат, тавассути почта бо мактуби фармоишӣ бо огоҳинома оид ба супоридан ирсол карда мешавад ва (ё) бо гирифтани забонхат ба онҳо супорида мешавад.».

23. Моддаи 184 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«**Моддаи 184. Фиристодани таъинот**

1. Таъиноте, ки дар шакли санади судии алоҳида қабул гардида, дар шакли электронӣ тартиб дода шудааст, на дертар аз як рӯзи пас аз қабул шудани он ба шахсони иштироккунандаи парванда ва шахсони дигари манфиатдор бо ҷойгир намудани он дар сомонаи судҳои иқтисодӣ дар речаи дастрасии маҳдуд, ирсол карда мешавад, агар дар Кодекси мазкур тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад. Бо дархости шахсони номбурда нусхаи таъиноте, ки дар шакли санади судии алоҳида дар шакли хаттӣ қабул гардидааст, ба онҳо дар мӯҳлати панҷ рӯз аз рӯзи ворид шудани дархости дахлдор ба суди иқтисодӣ тавассути почта бо мактуби фармоишӣ бо огоҳинома оид ба супоридан ирсол карда мешавад ва (ё) бо гирифтани забонхат супорида мешавад.

2. Агар таъинот танҳо дар шакли хаттӣ таҳия гардида бошад, суди иқтисодӣ нусхаи таъинотро ба шахсони номбурда дар мӯҳлати панҷ рӯз аз рӯзи қабули таъинот тавассути почта бо мактуби фармоишӣ бо огоҳинома оид ба супоридан, ирсол менамояд ва (ё) бо гирифтани забонхат супорида мешавад, агар дар Кодекси мазкур мӯҳлати дигаре пешбинӣ нашуда бошад.».

24. Ба қисми 3 моддаи 209 ҷумлаи дуюм бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«Агар ҳалномаи судӣ дар шакли электронӣ тартиб дода шуда бошад, нусхаи он на дертар аз рӯзи дигари қабули он дар сомонаи судҳои иқтисодӣ дар речаи дастрасии маҳдуд ҷойгир карда мешавад.».

25. Ба қисми 1 моддаи 239 ҷумлаи сеюм бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«Шикоят ё эътирози кассатсионӣ мумкин аст дар шакли электронӣ бо имзои электронии рақамии тасдиқшуда бо ҷойгир намудани он дар сомонаи судҳои иқтисодӣ пешниҳод карда шавад.».

26. Ба қисми 3 моддаи 241 ҷумлаи сеюм бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«Изҳори назар ба шикоят ё эътирози кассатсионӣ мумкин аст ба суди иқтисодӣ дар шакли электронӣ бо имзои электронии рақамии тасдиқшуда бо ҷойгир намудани он дар сомонаи судҳои иқтисодӣ пешниҳод карда шавад.».

27. Ба қисми 1 моддаи 271 ҷумлаи дуюм бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«Шикоят ё эътирози назоратӣ мумкин аст дар шакли электронӣ бо имзои электронии рақамии тасдиқшуда бо ҷойгир намудани он дар сомонаи судҳои иқтисодӣ пешниҳод карда шавад.».

28. Ба қисми 1 моддаи 289 ҷумлаи дуюм бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«Ариза дар бораи аз нав баррасӣ намудани санади судии эътибори қонунӣ пайдокарда аз рӯи ҳолатҳои нав ошкоршуда мумкин аст дар шакли электронӣ бо имзои электронии рақамии тасдиқшуда бо ҷойгир намудани он дар сомонаи судҳои иқтисодӣ пешниҳод карда шавад.».

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 24 декабри соли 2022, № 1931**

# ҚАРОРИ

## МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 59 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 16 декабри соли 2022, № 328**

# ҚАРОРИ

## МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шавад.

**Муовини якуми Раиси**
**Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ВАТАНЗОДА**
**ш. Душанбе, 12 октябри соли 2022, № 865**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ДАР БОРАИ ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРОТУ ИЛОВА БА КОДЕКСИ МУРОФИАВИИ ҶИНОЯТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Моддаи 1.** Ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2009 қабул гардидааст (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон,с. 2009, №12, мод. 815, мод. 816; с. 2010, №7, мод. 551; с. 2011, №3, мод. 159, №7-8, мод. 609; с. 2012, №4, мод. 259, №7, мод. 714, №8, мод. 815, №12, қ. 1, мод. 1020, мод. 1025; с. 2013, №7, мод. 510, мод. 511; с. 2014, №3, мод. 142, №11, мод. 643; с. 2015, №11, мод. 950; с. 2016, №3, мод. 128, №5, мод. 357, №7, мод. 610, мод. 611; с. 2017, №1-2, мод. 4; с. 2018, №5, мод. 267; с. 2019, №1, мод. 3; с. 2020, №7-9, мод. 602, мод. 608; с. 2021, №1-2, мод. 5, №4, мод. 197, №12, қ. 2, мод. 684, мод. 685; с. 2022, №1-3, мод. 4, №7, мод. 442), тағйироту иловаи зерин ворид карда шаванд:

1. Қисми 11 моддаи 161 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«11. Оид ба парвандаҳои вобаста бо ҷиноятҳое, ки моддаҳои 200, 201, 202, $202^1$, $202^2$, 203, 204, 205, 206, $206^1$ ва 289 (нисбати қочоқи воситаҳои нашъадор ё моддаҳои психотропӣ ё ҳаммонанди (аналоги) онҳо ва ё прекурсорҳои онҳо, моддаҳои сахттаъсир ва заҳрнок) Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст, тафтиши пешакӣ инчунин аз ҷониби муфаттишони Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешавад.».

2. Дар моддаи 401:

- қисми 4 бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«4. Пешниҳодҳо оид ба масъалаҳои дар қисми 3 ҳамин модда пешбинишуда дар мӯҳлати як моҳ аз рӯзи ворид шудани онҳо баррасӣ карда мешаванд.»;

- қисмҳои 4, 5, 6 ва 7 мувофиқан қисмҳои 5, 6, 7 ва 8 ҳисобида шаванд.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 24 декабри соли 2022, № 1927**

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйироту илова ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 59 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйироту илова ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйироту илова ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 16 декабри соли 2022, № 324**

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйироту илова ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйироту илова ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шавад.

**Муовини якуми Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ВАТАНЗОДА**
**ш. Душанбе, 12 октябри соли 2022, № 875**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ДАР БОРАИ ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА КОДЕКСИ ГУМРУКИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Моддаи 1.** Ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2004 қабул шудааст (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон с. 2004, №12, қ. 2, мод. 703, мод. 704; с. 2006, №3, мод. 159; с. 2007, №7, мод. 681; с. 2008, №6, мод. 459, №10, мод. 818; с. 2011, №3, мод. 160, №6, мод. 458; с. 2012, №4, мод. 250, №7, мод. 695, мод. 724, №8, мод. 818, №12, қ. 1, мод. 1000; с. 2013, №12, мод. 879; с. 2015, №3, мод. 211; с. 2016, №3, мод. 151, №7, мод. 625, №11, мод. 882; с. 2017, №5, қ. 1, мод. 278, мод. 279; с. 2018, №2, мод. 68, №7-8, мод. 528; с. 2019, №4, мод. 228, №6, мод. 323; с. 2020, №1, мод. 24, №12, мод. 920; с. 2021, №1-2, мод. 18; с. 2022, №1-3, мод. 19, №7, мод. 448), тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Ба моддаи 127 қисми 3 бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«3. Декларант барои риоя накардани вазифаҳои дар қисми 2 ҳамин модда пешбинишуда, дарҷ намудани маълумоти носаҳеҳ дар декларатсияи гумрукӣ, инчунин барои ба брокери гумрукӣ (намоянда) пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои беэътибор, аз ҷумла қалбакӣ ва (ё) дорои маълумоти баръало бардурӯғ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешавад.».

2. Моддаи 345 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

**«Моддаи 345. Озодкунии молҳои алоҳида аз пардохти боҷҳои гумрукӣ**

Намудҳои зерини воридот аз пардохти боҷҳои гумрукӣ озод карда мешаванд:

1) воридоти пули миллӣ ё асъор (ба ғайр аз мақсадҳои нумизматикӣ), инчунин коғазҳои қиматнок;

2) воридоти металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон ва Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои Хазинаи давлатии сарватҳо;

3) воридоти молҳое, ки ройгон ба мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дода мешаванд, воридоти молҳо ба сифати кумаки башардӯстона, воридоти молҳое, ки ройгон ба ташкилотҳои эҳсонкорӣ барои мақсадҳои рафъи оқибатҳои офатҳои табиӣ, садама ва фалокатҳо дода мешаванд;

4) воридоти таҷҳизоти истеҳсолию технологӣ ва маҳсулоти такмилии онҳо, аз ҷумла дар асоси шартҳои иҷораи молиявӣ (лизинг), барои ташаккул ё пурра кардани сармояи (фонди) оинномавии корхонаҳо ё азнавтаҷҳизонии техникии истеҳсолоти амалкунанда, ба шарте ки ин молу мулк мустақиман барои истеҳсоли мол (иҷрои кор ва хизматрасонӣ) мутобиқи ҳуҷҷатҳои таъсисии корхона истифода шуда, ба категорияи молҳои зераксизӣ мансуб набошанд. Дар сурати барҳамдиҳии чунин корхона ё аз ҷониби ин корхона дар давоми ду сол аз лаҳзаи воридот ба Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода нашудан ё ба шахси дигар таҳвил намудани таҷҳизоти истеҳсолии технологӣ ва маҳсулоти такмилие, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда шудаанд, боҷҳои гумрукӣ, ки мутобиқи ҳамин банд пардохта нашудаанд, ба буҷет ситонида мешаванд, ба истиснои воридоти чунин таҷҳизот дар асоси шартҳои иҷораи молиявӣ (лизинг);

5) воридоти маводу лавозимот барои истеҳсоли доруворӣ, таҷҳизоти тиббӣ, фармасевтӣ ва асбобҳои тиббӣ, технологияҳои навтарин барои корхонаҳои дорусозӣ ва таҷҳизоти муосири ташхису табобат, доруворӣ тиббӣ, ба истиснои доруворӣ тиббии дар дохили ҷумҳурӣ истеҳсолшаванда, ки тартиб ва номгӯйи онҳоро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд;

6) воридоти молҳо барои амалӣ намудани лоиҳаҳои сармоягузории давлатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи маблағҳои созишномаҳои грантӣ ва қарзӣ;

7) воридоти молҳо барои сохтмони объектҳои махсусан муҳим, ба истиснои молҳои дар ҷумҳурӣ истеҳсолшавандае, ки номгӯйи онҳоро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд;

8) воридоти таҷҳизоту техника, масолеҳи сохтмонӣ ва маводи дигар барои таъмини эҳтиёҷоти иншооти сайёҳӣ (аз ҷумла меҳмонхона, осоишгоҳ ва истироҳатгоҳҳои табобатӣ, марказҳои сайёҳӣ ва иншооти дигари сайёҳӣ), ба истиснои молҳои дар ҷумҳурӣ истеҳсолшаванда. Рӯйхати иншооти сайёҳӣ, номгӯй ва миқдори таҷҳизоту техника ва масолеҳи сохтмонии воридшаванда ва маводи дигар аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешаванд;

9) воридоти молҳо (ба истиснои молҳои зераксизӣ) бевосита аз ҷониби истеҳсолкунандагон барои истеҳсоли алюминийи аввалия тибқи номгӯй ва ҳаҷми муайяннамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

10) воридоти алюминийи аввалия;

11) воридоти техникаи ҳарбӣ, агрегатҳои асосӣ, силоҳ, лавозимоти ҷангӣ ва дастгоҳҳои парвозкунандаи таъиноти мудофиавӣ, инчунин қисмҳои эҳтиётӣ ба онҳо, арзиши хизматрасонӣ ва таъмир;

12) воридоти молҳои махсуси истифодаи фардӣ барои маъюбон мутобиқи номгӯе, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад;

13) воридоти технологияву таҷҳизот ва мавод барои таъминоти соҳаҳои парандапарварӣ, моҳипарварӣ ва (ё) воридоти молҳо бевосита барои эҳтиёҷоти худии субъектҳои хоҷагидор дар соҳаҳои парандапарварӣ, моҳипарварӣ ва истеҳсоли хӯроки омехтаи паранда ва чорво;

14) воридоти ашёи хом барои коркард ва истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ, ба истиснои ашёи хоми дар дохили ҷумҳурӣ истеҳсолшаванда ва молҳои зераксизӣ, ки тартиб ва номгӯйи онҳоро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад;

15) воридоти техника ва таҷҳизот, қисмҳои эҳтиётӣ ва маҳсулоти такмилии зерин, ба истиснои воридоти қисмҳои эҳтиётӣ ва маҳсулоти такмилии дар ҷумҳурӣ истеҳсолшаванда, ки номгӯйи онҳо аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад:

- техникаи кишоварзӣ;

- қисмҳои эҳтиётӣ ва маҳсулоти такмилии техника ва мошинолоти кишоварзӣ аз ҷониби корхонаҳои васлу насбкунанда (истеҳсолкунанда) барои истеҳсол, инчунин фурӯши моли (маҳсулоти) ниҳоии истеҳсолшуда;

- қисмҳои эҳтиётӣ ва маҳсулоти такмилии автомобилҳои сабукрав, боркашу борбардор аз ҷониби корхонаҳои васлу насбкунанда (истеҳсолкунанда) барои истеҳсоли худӣ;

16) воридоти автомобилҳои нав бевосита аз ҷониби шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродии дар асоси шаҳодатнома фаъолияткунанда (агар аз санаи барориш 1 (як) сол нагузашта, масофаи тайнамудаи онҳо то 10 (даҳ) ҳазор километр бошад) бо рамзҳои молии 8702, 8703, 8704 ва 8705 тибқи номгӯйи молии фаъолияти иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон – 50 фоиз;

17) воридоти воситаҳои нақлиёти танҳо бо муҳаррики барқӣ ҳаракаткунанда, аз ҷумла электромобилҳо, электробусҳо ва троллейбусҳо.

Эзоҳ: Муқаррароти бандҳои 5), 8) ва 13)-16) то 31 декабри соли 2026 амал мекунанд.».

3. Дар моддаи 394:

- қисмҳои 9, 10 ва 11 бо мазмуни зерин илова карда шаванд:

«9. Мақомоти гумрук дар давраи мӯҳлати даъво ҳуқуқ доранд, ки маблағи пардохтҳои гумрукии аз ҷониби иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии хориҷӣ пардохтшавандаро ҳисоб намоянд (иловатан ҳисоб намоянд), пардохтҳои гумрукии ҳисобшударо (иловатан ҳисобшударо) тибқи тартиби муқаррарнамудаи ҳамин Кодекс ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ситонанд.

10. Иштирокчии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ҳуқуқ дорад, ки дар давраи мӯҳлати даъво мустақилона уҳдадории пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андозро аз нав бозҳисобӣ ва ислоҳ намояд, инчунин баргардонидан ё ба ҳисоб гирифтани маблағи барзиёд пардохтшуда ё ситонидашудаи боҷҳои гумрукӣ ва андозро тибқи моддаи 396 ҳамин Кодекс талаб намояд.

11. Мӯҳлати даъво дар давраи амали мораторияи санҷишҳои гумрукӣ боздошта мешавад.»;

- қисми 9 қисми 12 ҳисобида шавад.

4. Дар қисми 18 моддаи 417 баъд аз калимаи «Қарорро» калимаҳои «дар шакли фармоиш» илова карда шаванд.

5. Дар банди 2 қисми 1, қисмҳои 2 ва 3 моддаи 461 ва қисми 1 моддаи 493 калимаҳои «идораҳои» ва «Идораҳои» мувофиқан ба калимаҳои «раёсатҳои» ва «Раёсатҳои» иваз карда шаванд.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 24 декабри соли 2022, № 1932**

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 59 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 16 декабри соли 2022, № 341**

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 3 октябри соли 2022, № 841**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ДАР БОРАИ ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА КОДЕКСИ АНДОЗИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Моддаи 1.** Ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2021 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2021, №12, қ. 1, м. 681; с. 2022, №1-3, мод. 18) тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Дар қисми 12 моддаи 21 калимаҳои «молу мулки давлатӣ» ба калимаҳои «объектҳое, ки аз ҷониби мақомоти давлатӣ тибқи тартиби муқарраргардида ба иҷора дода мешаванд» иваз карда шаванд.

2. Дар қисми 2 моддаи 189:

- дар банди 7) аломати нуқта ба аломати нуқтавергул «;» иваз карда шавад;

- банди 8) бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«8) даромадҳои ғайрирезидент аз лизинги амалиётии (иҷораи) киштиҳои ҳавоӣ (ҳавопаймо, чархбол), муҳаррикҳо, агрегатҳои асосӣ ва қисмҳои эҳтиётии онҳо, инчунин аз хизматрасонӣ ва таъмири киштиҳои ҳавоӣ (ҳавопаймо, чархбол), муҳаррикҳо ва агрегатҳои асосии онҳо тибқи шартномаҳои дахлдор бо ширкатҳои ҳавопаймоии ватанӣ.».

3. Дар моддаи 251:

- дар сархати понздаҳуми қисми 4 аломати нуқта ба аломати нуқтавергул «;» иваз карда шуда, сархатҳои шонздаҳум ва ҳабдаҳум бо мазмуни зерин илова карда шаванд:

«- воридоти сӯзишворӣ, моддаҳои кимиёвӣ ва равғанҳои молиданӣ барои киштиҳои ҳавоӣ (ҳавопаймо, чархбол) бевосита аз ҷониби ширкатҳои ҳавопаймоии ватанӣ;

- воридоти (воридоти муваққатии) киштиҳои ҳавоӣ (ҳавопаймо, чархбол), муҳаррикҳо, агрегатҳои асосӣ ва қисмҳои эҳтиётӣ барои киштиҳои ҳавоӣ (ҳавопаймо, чархбол) бевосита аз ҷониби ширкатҳои ҳавопаймоии ватанӣ.»;

- қисмҳои 7 ва 8 бо мазмуни зерин илова карда шаванд:

«7. Хизматрасониҳои лизинги амалиётии (иҷораи) ғайрирезидент ба ширкати ватании ҳавопаймоӣ вобаста ба киштиҳои ҳавоӣ (ҳавопаймо, чархбол), муҳаррикҳо, агрегатҳои асосӣ ва қисмҳои эҳтиётии онҳо аз андоз аз арзиши иловашуда озод карда мешаванд.

8. Амалиёте, ки ғайрирезидент барои ширкати ватании ҳавопаймоӣ вобаста ба хизматрасонӣ ва таъмири киштиҳои ҳавоӣ (ҳавопаймо, чархбол), муҳаррикҳо, агрегатҳои асосӣ ва қисмҳои эҳтиётии онҳо анҷом медиҳад, инчунин воридоти киштиҳои ҳавоӣ (ҳавопаймо, чархбол), муҳаррикҳо, агрегатҳои асосӣ ва қисмҳои эҳтиётии онҳо пас аз хизматрасонӣ ва таъмир дар давлатҳои хориҷа аз андоз аз арзиши иловашуда озод мебошанд.».

4. Дар қисми 1 моддаи 286:

- дар сархати ҳаштум аломати нуқта ба аломати нуқтавергул «;» иваз карда шавад;

- сархати нуҳум бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«- воридоти сӯзишворӣ, моддаҳои кимиёвӣ ва равғанҳои молиданӣ барои киштиҳои ҳавоӣ (ҳавопаймо, чархбол) аз ҷониби ширкатҳои ҳавопаймоии ватанӣ новобаста ба муқаррароти қисми 2 моддаи мазкур.».

5. Ба моддаи 397 қисми 18 бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«18. Муқаррароти банди 8) қисми 2 моддаи 189, сархатҳои шонздаҳум ва ҳабдаҳуми қисми 4, қисмҳои 7 ва 8 моддаи 251 ва сархати нуҳуми қисми 1 моддаи 286 Кодекси мазкур то 1 сентябри соли 2027 амал мекунанд.».

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур аз 1 сентябри соли 2022 мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 24 декабри соли 2022, № 1934**

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 59 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 16 декабри соли 2022, № 343**

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 7 декабри соли 2022, № 931**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ИЛОВА БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ РӮЗҲОИ ИД»

**Моддаи 1.** Ба моддаи 2 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» аз 2 августи соли 2011 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2011, №7-8, мод.608; с.2012, №7, мод.684, №12, қ.1, мод.1011, мод.1012; с.2014, №7, қ.2, мод.401; с.2015, №3, мод.209, №7-9, мод.706; с.2016, №5, мод.371, №7, мод.619, №11, мод.878; с.2017, №1-2, мод.13, №5, қ.1, мод.294; с.2018, №1, мод.12; с.2021, №12, қ.2, мод.693; с.2022, №1-3, мод.13, №6, мод.346) сархати бисту чорум бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«- Рӯзи кормандони соҳаи ҳифзи сирри давлатӣ - 6 май;».

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 24 декабри соли 2022, № 1935**

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 59 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид»-ро баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 16 декабри соли 2022, № 330**

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» қабул карда шавад.

**Муовини якуми Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ВАТАНЗОДА**
**ш. Душанбе, 23 ноябри соли 2022, № 917**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ИЛОВА БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ РӮЗҲОИ ИД»

**Моддаи 1.** Ба моддаи 2 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» аз 2 августи соли 2011 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2011, №7-8, мод. 608; с. 2012, №7, мод. 684, №12, қ. 1, мод. 1011, мод. 1012; с. 2014, №7, қ. 2, мод. 401; с. 2015, №3, мод. 209, №7-9, мод. 706; с. 2016, №5, мод. 371, №7, мод. 619, №11, мод. 878; с. 2017, №1-2, мод. 13, №5, қ. 1, мод. 294; с. 2018, №1, мод. 12; с. 2021, №12, қ. 2, мод. 693; с. 2022, №1-3, мод. 13, №6, мод. 346) сархати чордаҳум бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«- Рӯзи кормандони мақомоти иҷро – 5 апрел;».

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 24 декабри соли 2022, № 1936**

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 59 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид»-ро баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 16 декабри соли 2022, № 329**

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» қабул карда шавад.

**Муовини якуми Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ВАТАНЗОДА**
**ш. Душанбе, 12 октябри соли 2022, № 879**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРОТУ ИЛОВА БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ ИҶОЗАТНОМАДИҲӢ БА БАЪЗЕ НАМУДҲОИ ФАЪОЛИЯТ»

**Моддаи 1.** Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият» аз 17 майи соли 2004 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2004, № 5, мод. 348; с. 2005, № 3, мод. 120; с. 2006, № 7, мод. 343; с. 2007, № 6, мод. 433; с. 2008, № 1, қ. 2, мод. 14, № 6, мод. 457, № 10, мод. 816; с. 2009, № 3, мод. 78, № 5, мод. 326, № 9-10, мод. 544; с. 2010, № 12, қ. 1, мод. 821; с. 2012, № 12, қ. 1, мод. 1005; с. 2013, № 3, мод. 193, № 11, мод. 787; с. 2014, № 7, қ. 2, мод. 406, мод. 407, № 11, мод. 666; с. 2015, № 3, мод. 206, мод. 213, № 11, мод. 967; с. 2016, № 5, мод. 369, № 7, мод. 631, № 11, мод. 885; с. 2017, № 5, қ. 1, мод. 291; с. 2019, № 6, мод. 327; с. 2020, № 7-9, мод. 618) тағйироту иловаи зерин ворид карда шаванд:

1. Дар ном ва қисми 1 моддаи 6, матни моддаи 13 калимаҳои «Салоҳияти», «салоҳият» ва «салоҳияти» ба калимаҳои «Ваколати», «ваколат» ва «ваколати» иваз карда шаванд.

2. Дар моддаи 10:

- ба қисми 3 пас аз калимаи «мӯҳлати» калимаҳои «муқарраргнамудаи қисмҳои 1 ва 2 моддаи» илова карда шаванд;
- дар қисми 6 калимаи «бепул» ба калимаи «ройгон» иваз карда шавад;
- дар қисми 7 калимаи «дубликати» ба калимаҳои «нусхаи дуюми (дубликати)» иваз карда шавад.

3. Дар қисми 5 моддаи 14 калимаҳои «рӯзи ба ҳукми қонун даромадани» ба калимаҳои «эътибори қонунӣ пайдо кардани» иваз карда шаванд.

4. Дар моддаи 17:

- сархати бисту дуюм дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«- фаъолият дар соҳаи обуҳавошиносӣ ва соҳаҳои ба он алоқаманд, инчунин корҳои таъсиррасонии фаъолона ба раванду падидаҳои обуҳавошиносӣ ва геофизикӣ;»;

- аз сархати чилу сеюм калимаи «(нархгузорӣ)» хориҷ карда шавад;
- дар сархати чилу чорум калимаи «туристӣ» ба калимаи «сайёҳӣ» иваз карда шавад.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 24 декабри соли 2022, № 1944**

# ҚАРОРИ

## МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 59 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият»-ро баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси**
**Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 16 декабри соли 2022, № 345**

# ҚАРОРИ

## МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 18 ноябри соли 2022, № 912**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРОТУ ИЛОВА БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ ГАРАВХОНА (ЛОМБАРД)»

**Моддаи 1.** Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гаравхона (ломбард)» аз 22 июли соли 2013 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2013, №7, мод. 520; с. 2014, №11, мод. 662; с. 2020, №7-9, мод. 619) тағйироту иловаи зерин ворид карда шаванд:

1. Аз ном ва муқаддимаи Қонун, сархати якуми моддаи 1, ном ва матни моддаи 2, қисми 1 моддаи 4 аломат ва калимаҳои «(ЛОМБАРД)», «(ломбард)» ва «(ломбард, минбаъд - гаравхона)» хориҷ карда шаванд.

2. Моддаҳои $3^1$ ва $3^2$ бо мазмуни зерин илова карда шаванд:

**«Моддаи $3^1$. Салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи танзими фаъолияти гаравхонаҳо**

Ба салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи танзими фаъолияти гаравхонаҳо мансубанд:

- пешбурди сиёсати давлатӣ дар соҳаи танзими фаъолияти гаравхонаҳо;
- муайян намудани мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи танзими фаъолияти гаравхонаҳо;
- фароҳам овардани шароитҳои мусоид барои рушди соҳаи танзими фаъолияти гаравхонаҳо;
- амалӣ намудани дигар салоҳияти пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Моддаи $3^2$. Ваколатҳои мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи танзими фаъолияти гаравхонаҳо**

Ба ваколатҳои мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи танзими фаъолияти гаравхонаҳо мансубанд:

- амалӣ намудани сиёсати давлатӣ дар соҳаи танзими фаъолияти гаравхонаҳо;
- мониторинги фаъолияти гаравхонаҳо;
- натиҷагирӣ аз таҷрибаи танзими фаъолияти гаравхонаҳо;
- таҳия ва ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудани таклифҳо оид ба такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи танзими фаъолияти гаравхонаҳо;
- таҳия ва қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи танзими фаъолияти гаравхонаҳо;
- иҷозатномадиҳӣ ба фаъолияти гаравхонаҳо;
- амалӣ намудани дигар ваколатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.».

3. Дар матни моддаи 5 калимаҳои «санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба калимаҳои «қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи фаъолияти баҳодиҳӣ» иваз карда шаванд.

4. Дар сархати панҷуми қисми 4 моддаи 4, ном ва матни моддаи 5, қисми 5 моддаи 7, қисми 3 моддаи 8, сархати чоруми қисми 2 моддаи 10 ва сархати чоруми қисми 2 моддаи 11 калимаҳои «нархгузории», «Нархгузории», «нархгузорӣ» ва «нархгузоришудаи» мувофиқан ба калимаҳои «баҳодиҳии», «Баҳодиҳии», «баҳодиҳӣ» ва «баҳододашудаи» иваз карда шаванд.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 24 декабри соли 2022, № 1945**

# ҚАРОРИ

## МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гаравхона (ломбард)»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 59 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гаравхона (ломбард)»-ро баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гаравхона (ломбард)» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси**
**Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 16 декабри соли 2022, № 346**

# ҚАРОРИ

## МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гаравхона (ломбард)»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гаравхона (ломбард)» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 1 декабри соли 2022, № 924**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ИЛОВА БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ РЕКЛАМА»

**Моддаи 1**. Ба моддаи 7 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи реклама» аз 1 августи соли 2003 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон с. 2003, №8, мод. 457; с. 2007, №6, мод. 432; с. 2008, №10, мод. 824; с. 2011, №12, мод. 843; с. 2012, №4, мод. 262; с. 2014, №11, мод. 672; с. 2015, №3, мод. 224; с. 2017, №7-9, мод. 575, мод. 576; с. 2018, №1, мод. 26; с. 2022, №7, мод. 456) қисми дуюм бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«Агар дар реклама маълумоти ба ҳақиқат номувофиқ нисбати ҳуқуқҳои истисноӣ ба натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ, воситаҳои фардикунонии иштирокчиёни аҳдҳои гражданӣ, фардикунонии маҳсулот, корҳо ё хизматрасонии иҷрошаванда (воситаҳои фардикунонӣ), ҳамчунин объектҳои дигари ба онҳо баробаркардашуда ҷой дошта бошад, чунин реклама нодуруст ҳисобида мешавад.».

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 24 декабри соли 2022, № 1947**

# ҚАРОРИ

## МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи реклама»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 59 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи реклама»-ро баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи реклама» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси**
**Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 16 декабри соли 2022, № 348**

# ҚАРОРИ

## МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи реклама»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи реклама» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 10 ноябри соли 2022, № 900**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ ШАРТНОМАҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН»

**Моддаи 1.** Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 23 июли соли 2016 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2016, №7, мод. 606) тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Ба моддаи 5 қисми 6 бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«6. Тартиби баргузории гуфтушунидҳо, баимзорасонӣ ва барои тасдиқ (ратификатсия) пешниҳод намудани шартномаҳои байналмилалиро вобаста ба кумаки беруна Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад.».

2. Дар ном ва муқаддимаи қисми 1 моддаи 7 калимаи «қабули» ба калимаҳои «маъқул донистани» иваз карда шавад.

3. Дар сархати шашуми моддаи 11 аломат ва калимаҳои «, кумаки иқтисодӣ, имтиёзҳои андозбандӣ ва кумакҳои дигар» ба калимаҳои «ва имтиёзҳои андозбандӣ, ба истисноии грант ва дигар кумакҳои бебозгашт» иваз карда шаванд.

4. Ба қисми 2 моддаи 12 пас аз калимаҳои «Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» калимаҳои «мувофиқан тавассути мактуб ва қарори дахлдор» илова карда шаванд.

5. Моддаи 14 хориҷ карда шавад.

6. Дар моддаи 26:

- қисми 3 хориҷ карда шавад;
- қисмҳои 4 ва 5 мувофиқан қисмҳои 3 ва 4 ҳисобида шаванд.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 24 декабри соли 2022, № 1946**

# ҚАРОРИ

## МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 59 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси**
**Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 16 декабри соли 2022, № 347**

# ҚАРОРИ

## МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 10 ноябри соли 2022, № 898**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРОТУ ИЛОВА БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ КАФОЛАТҲОИ ДАВЛАТИИ БАРОБАРҲУҚУҚИИ МАРДОНУ ЗАНОН ВА ИМКОНИЯТҲОИ БАРОБАРИ АМАЛИГАРДОНИИ ОНҲО»

**Моддаи 1.** Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо» аз 1 марти соли 2005 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2005, №3, мод. 129) тағйироту иловаи зерин ворид карда шаванд:

1. Муқаддима дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«Қонуни мазкур муносибатҳоро вобаста ба таъмини кафолатҳои конститутсионии баробарҳуқуқии мардону занон дар соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва самтҳои дигар ба танзим дароварда, табъизро аз рӯи аломати ҷинсӣ пешгирӣ менамояд ва амалигардонии имкониятҳои баробарҳуқуқии онҳоро муқаррар мекунад.».

2. Дар номи БОБИ 1 калимаи «ҚОИДАҲОИ» ба калимаи «МУҚАРРАРОТИ» иваз карда шавад.

3. Дар моддаи 1:

- сархати якум дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«- **гендер –** ҷанбаи иҷтимоии муносибатҳои байни мардону занон, ки дар соҳаҳои гуногуни ҳаёт, аз ҷумла сиёсат, иқтисод, ҳуқуқ, фарҳанг, маориф ва илм зоҳир мегардад;»;

- аз сархати панҷум калимаи «(Сарқонуни)» хориҷ карда шавад;
- сархати шашум дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«- **табъизи ҷинсӣ –** ҳама гуна фарқиятгузорӣ, истиснокунӣ, маҳдудсозӣ ё афзалиятдиҳӣ аз рӯи аломати ҷинсӣ.».

4. Аз матни моддаи 2 калимаи «(Сарқонуни)» хориҷ карда шавад.

5. Дар моддаи 3:

- дар ном ва матни модда калимаҳои «поймолкунии ҳуқуқ» ба калимаҳои «табъизи ҷинсӣ» иваз карда шаванд;
- қисми якум дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«Табъизи мардону занон аз рӯи ҷинс манъ аст.».

6. Моддаи $3^1$ бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«**Моддаи $3^1$. Принсипҳои асосии таъмини кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо**

Кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо дар асоси принсипҳои зерин амалӣ карда мешаванд:

- қонуният;
- баробарҳуқуқии мардону занон;
- нораво будани табъиз аз рӯи ҷинс;
- ошкорбаёнӣ ва шаффофият.».

7. Дар сархати сеюми моддаи 4 калимаҳои «поймолкунии ҳуқуқи шаҳрвандонро аз рӯи ҷинс» ба калимаҳои «табъиз аз рӯи ҷинсро» иваз карда шаванд.

8. Дар қисми якуми моддаи 6:

- дар сархати сеюм калимаҳои «поймолкунии ҳуқуқро» ба калимаи «табъизро» иваз карда шаванд;
- дар сархати чорум калимаҳои «духтарони ноҳияҳои кӯҳистон, деҳот» ба калимаҳои «духтарон ва писарони деҳаҳои дурдасти ҷумҳурӣ» иваз карда шаванд.

9. Дар моддаи 13 калимаи «зайлро» ба калимаи «зеринро» иваз карда шавад.

10. Моддаи 14 хориҷ карда шавад.

11. Дар қисми якуми моддаи 17 калимаҳои «поймолкунии ҳуқуқ аз рӯи ҷинс» ба калимаҳои «табъизи ҷинсӣ» иваз карда шаванд.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 24 декабри соли 2022, № 1941**

# ҚАРОРИ

## МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 59 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо»-ро баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси**
**Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 16 декабри соли 2022, № 336**

# ҚАРОРИ

## МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии**
**Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 2 ноябри соли 2022, № 895**

**Хонандагони азиз, инчунин Шумо метавонед хабару гузориш ва матолиби мукаммалу таҳлилиро аз сомонаи интернетии рӯзнома бо нишонии WWW.SADOIMARDUM.TJ дастрас намоед.**

Садои мардум
Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

**САРМУҲАРРИР**
*АМИНИЁН Хӯҷаназар Файзулло*

«САДОИ МАРДУМ» - ба забони тоҷикӣ.
Муассис - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

**ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852**

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:**
*Маҳмудҷон Усмонов, Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Сайфиддин Суннатов, Тилло Неккадамов, Абдумаҷид Муродов, Бурҳониддин Каримов*

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир - факс - 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус - 238-53-56; муовин - 238-54-52; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-52-97; шуъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шуъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосибот - 238-53-49; шуъбаи эълон ва реклама - 238-54-57; мухбирони махсус дар ВМКБ - 93-355-51-03, 93-458-65-69, Бохтар - 919-67-88-78, Кӯлоб - 985-82-81-97, Хуҷанд- 92-773-28-76, водии Зарафшон - 93-439-88-38, ноҳияҳои минтақаи Рашт ва ноҳияи Сангвор - 918-68-40-17.
**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

*Рӯзномаи «Садои мардум» 30-юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ - 97*

*Ба чопаш 29 декабри соли 2022, соати 17:30 иҷозат дода шуд. Адади нашр 33390 нусха*

Навбатдорони шумора А. Муродов, Н. Низомӣ ва Ш. Атобуллоев

Тарроҳони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров